«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ "Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав", профессор
Курбонзода М.Р.________
«___»__________соли 2024

# ТАҚРИЗИ

Муассисаи пешбар –кафедраи таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" ба рисолаи номзадии Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи **«Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ).

Таҳқиқоти диссертатсионии Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи **«Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)»** бо қарори Шурои диссертатсионии 6D-КОА-035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои тақриз ба МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда ирсол гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷик мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур кормандони кафедра, аз ҷумла мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик, номзади илмҳои таърих Мирзоев Ғ.Ш., доктори илмҳои таърих, профессор Гадозода А., номзади илмҳои таърих, дотсент Наботов Ф.С, номзади илмҳои таърих Қурбонов М.М ва дигар омӯзгорони қаблан бо матни диссертатсия шиносгардида, иштирок ва суханронӣ намуданд.

Муассисаи пешбар дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих Қурбонов М.М. омода гардид, қайд менамояд, ки рисолаи Асомиддини Абдулмумин ба мавзуи хеле муҳим бахшида шуда,

маълумоти нав ва ҷолибро доир ба таърихнигории таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол фаро мегирад.

Бояд зикр кард, ки дар охири асри XX- ибтидои асри XXI дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Тоҷикистон Истиқлолияти Давлатӣ ба даст оварда, ба эъмори сохторҳои нави ҳокимият пардохт. Соҳаи илму маориф, аз ҷумла илми таърихнигориро низ дигаргуниҳои куллӣ фаро гирифтанд. Акнун муҳаққиқон ба сиёсати пешгирифтаи давлати соҳибистиқлол такя намуда, имкон пайдо карданд, ки бо назардошти арзишҳои миллӣ таърихи Ватану миллати хешро ҳақиқатнигорона инъикос намоянд. Муаррихони замони истиқлолият дар ҳошияи асарҳои таърихии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як миқдор корҳои воқеан илмиро ба анҷом расониданд, ки фарогири ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд. Рисолаи мазкур нахустин таҳқиқоти маҷмӯӣ дар доираи ин адабиёти илмии ба чопрасида буда, ҳадафи он таҳлили таърихнигории таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон дар тӯли солҳои 1992-2000 маҳсуб меёбад.

Ба андешаи мо, дар чунин шакл таҳқиқ намудани масоил барои ояндабинии ин соҳа дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон хеле зарур аст. Муаллиф тамоми маводи ҷамъовардаи хешро ҳаматарафа омӯхта, мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар қисматҳои алоҳидаи мавзуи мазкур навиштаҳои донишмандони ватаниву хориҷӣ баррасӣ ва таъкид шудааст. Аҳаммияти дигари рисола дар он зоҳир мегардад, ки унвонҷӯ осори дар тӯли соҳибистиқлолии кишвар ба мавзуи таҳқиқшаванда бахшида шударо баррасӣ карда, онро ба се гурӯҳ тақсим кардааст: гурӯҳи аввал фарогири китобҳо, монографияҳо ва мақолаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ мебошад, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ рӯйи кор омадаанд; ба гурӯҳи дуюм осори муҳаққиқони хориҷиро, ки бевосита таърихи ҷанги

шаҳрвандии солҳои 1992-1997, раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон ва истиқрори сулҳу ваҳдати миллиро инъикос кардаанд, дохил намудааст; гуруҳи сеюм иборат аз таҳқиқотҳои диссертатсионӣ ва автореферaтҳоест, ки доир ба паҳлӯҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон таълиф гардидаанд.

Муҳаққиқ дар рисолаи илмӣ аз асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маводи Бойгониҳои ҷории вазорату кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, китобҳои нашршуда, маҷмӯи мақолаҳо оид ба масоили умдаи таърихи сиёсӣ, ки дар маҷалаҳои илмӣ ва матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд, ба таври муфассал истифода намудааст.

Муаллиф зимни таҳқиқи мавзуъ мақсад гузоштааст, ки инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997), истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ ва фаъолияти Комиссияи Оштии Миллӣ (1997-2000)-ро дар адабиёти илмии солҳои 1991-2021 аз ҷиҳати таърихнигорӣ таҳлил намуда, дар ин замина фикру хулосаҳои хешро иброз дорад.

Ҳадафи омӯзиш ба ҳалли вазифаҳои зерин равона гардидааст:

- таҳлил ва баррасии инъикоси заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон;

- ошкор намудани аҳаммияти Иҷлосияи XVI Шурои Олии ҶТ дар роҳи расидан ба сулҳ ва барпо гардидани ҳукумати конститутсионӣ дар осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ;

- таҳлили раванди танзими муноқиша ва истиқрори сулҳ;

- таҳлили инъикоси натиҷаҳои гуфтушуниди миёни тоҷикон ва тарғиби таҷрибаи сулҳ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ;

- ошкор намудани инъикоси натиҷаҳои фаъолияти Комиссияи Оштии Миллӣ ва роҳҳои расидан ба сулҳи комил.

**Объекти таҳқиқоти мазкур** осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, китобҳо, монографияҳо, диссертатсияҳо, мақолаҳо ва маҷмӯаҳое, ки ба

таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI бахшида шудаанд, маҳсуб меёбанд.

**Предмети таҳқиқотӣ** муайян намудани дараҷаи таҳқиқи таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон дар адабиёти илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва асарҳои ёддоштии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

**Навгониҳои илмии рисола** дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори аввал ҳаводиси сиёсии солҳои 90-уми асри XX-ро дар асоси манбаъҳои сершумор ва теъдоди зиёди асарҳои нашр гардида оид ба масоили гуногуни таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол мавриди омӯзиш ва таҳлили таърихнигорӣ қарор дода,ҷамъбаст намудааст. Дар баробари ин, заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон, инъикоси натиҷаҳои гуфтушуниди миёни тоҷикон ва тарғиби таҷрибаи сулҳ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин инъикоси натиҷаҳои фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва роҳҳои расидан ба сулҳи комил аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқ гардидааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** ба мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузошта мутобиқ карда шудаанд. Дар диссертатсия ба сифати асоси методологии таҳқиқот маҷмӯи усулҳое истифода шудаанд, ки дар байни онҳо усулҳои таърихӣ, ба мисли таърихияти илмӣ, муқоисавӣ – таърихӣ, масъалагузорӣ – солномавӣ, инчунин усулҳои таҳлили иҷтимоӣ – таърихӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар коркарди илмӣ ва таҳлили таърихнигории маводҳои нав ва асарҳои зиёди илмӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ роҷеъ ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997), раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ таълиф гардидаанд, дар таҳқиқи илмии заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон ва даврабандии ин рӯйдоди сиёсӣ зоҳир мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи унвонҷӯ дар мавзуи **«Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)»** ба бандҳои 1, 2, 6 шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мувофиқат менамояд.

**Мазмуни мухтасари диссертатсия.**

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши илмии масъала, мақсад ва ҳадафи омӯзиш, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, чаҳорчӯбаи хронологии омӯзиш, навгониҳои илмии рисола, асосҳои назариявии таҳқиқот, муҳимияти мавзуъ ва асосҳои методологии таҳқиқот инъикос ёфтааст.

Дар рисола муаллиф таснифи илмии адабиёти истифодашударо хеле ба маврид нишон додааст, ки далели ба пуррагӣ омӯхта шудани ин мавзуъро собит месозад. Мавриди тазаккур аст, ки унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқот дар рисолаи мазкур миқдори зиёди адабиёти илмиро бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ истифода кардааст.

**Боби якуми диссертатсия – “Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ”** аз се зербоб иборат аст. Дар ин боб таълифоте, ки ба масоили умдаи таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ба мисли таъсисёбии ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, ба даст омадани Истиқлолияти Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеаҳои феврали соли 1990, ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон, иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд, мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор гирифтаанд.

**Дар зербоби аввал – “Раванди таҳаввулоти сиёсӣ дар охири солҳои 80-ум - ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон, заминаҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва инъикоси он дар таърихнигорӣ”** масоили дар партави сиёсати ҷадиди давлати шуравӣ – сиёсати бозсозӣ раванди таъсисёбии

ҳизбу созмонҳои нав, марҳалаҳои асосии ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ ва инъикоси он аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, қабл аз ҳама дар гузоришу баромадҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки дар натиҷаи роҳандозии сиёсати бозсозӣ дар Тоҷикистон ҳизбу созмонҳои нав арзи вуҷуд карданд, ки дар воқеаҳои сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри XX нақши умдатарин доштанд. Андешаҳои ӯ, бахусус, дар мавриди нерӯҳои ба ном “демократӣ”-и Тоҷикистон хеле ҷолибанд. Ӯ ҳизби ба ном «демократӣ»-и Тоҷикистонро, ки ягон принсипи демократияро боре ҳам риоя накардааст, ва ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро дар муташанниҷ гардидани вазъи сиёсии ҷомеа ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) гунаҳкори асосӣ медонад. Ба ақидаи унвонҷӯ ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон гарчанде, ки дар ибтидои фаъолияти хеш мақсади ниҳоии худро ошкоро изҳор намедошт, рӯшан буд, ки таъсис додани давлати исломиро пайгирӣ менамуд ва ин дар ҳоле, ки аксари аъзоёни ин ҳизб ба моҳияти аслии ислом ва қавоиди шариат хуб сарфаҳм намерафтанд.

Илова бар ин, муаллиф дар ин зербоб инъикоси воқеаҳои феврали соли 1990, сабабҳо ва оқибатҳои он, инчунин ба даст омадани истиқлолиятро ба тариқи густурда таҳлил намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки истиқлолият маҳз бо қабули Изҳороти Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар санаи 9 сентябри соли 1991 ба миллати тоҷик насиб гардид, ки ин бозгашти давлати тоҷикон баъд аз садсолаҳо ба арсаи сиёсати байналхалқӣ ба ҳисоб меравад.

**Дар зербоби дуюми боби аввал – “Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997) дар таърихнигории ватанӣ”** инъикоси масоили заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997), давраҳои асосӣ, рафт

ва оқибатҳои мудҳиши он дар тарихнигории ватанӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Унвонҷӯ дар мавриди сабабҳои асосии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, бо дарназардошти маълумоти адабиёти илмии мавҷуда ду омил – дохилӣ ва беруниро ҷудо менамояд. Ӯ дахолати мустақими ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистонро ба низоми идории давлат ва кӯшишҳои онро ҷиҳати табдил додани низоми давлатдории дунявӣ ба динӣ яке аз сабабҳои дохилии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) арзёбӣ кардааст.

Муаллифи рисола дар ин зербоб инъикоси яке аз воқеаҳои муҳиммеро, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ба вуқӯъ пайваста, дар рафти он дигаргунии амиқ ворид намуда буд ва ба таърихи давлатдории навини тоҷикон ибтидо гузошт, иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври возеҳ таҳқиқу баррасӣ намудааст. Унвонҷӯ қайд менамояд, ки аҳамияти таърихӣ ва рисолати сарнавиштсози иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат гирифта, теъдоди зиёди муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи беандоза зоҳир намудаанд. Роҷеъ ба он шумораи зиёди китобҳо ва мақолаҳо ба табъ расидаанд. Муаллифони аксари онҳо иштирокчиёни бевоситаи иҷлосия буда, лаҳзаҳои мушаххаси воқеаҳои иҷлосияро баррасӣ намудаанд.

Пас аз таҳлили таърихнигории адабиёти марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) муаллиф ба хулосае меояд, ки сарфи назар аз таҳқиқоти фаровон дар ин самт, ҳанӯз ҳам паҳлуҳои гуногуни ин рӯйдоди мудҳиши сиёсӣ-низомӣ чандон равшан нест ва ҷиҳати барқарор намудани ин саҳифаҳои нангин дар таърихи халқи тоҷик муҳаққиқонро заҳмати бепоён ва таҳқиқоти фаровон дар пеш аст.

Дар зербоби сеюми боби якум - **“Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон (1992-1997) дар таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷӣ»** таъкид мегардад, ки дар инъикоси таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар радифи

муҳаққиқони ватанӣ муҳаққиқон ва коршиносони хориҷӣ, ки дар осори онҳо паҳлуҳои мухталифи таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон инъикос гардидааст, саҳми бориз доранд. Ба ақидаи унвонҷӯ ин осорро метавон ба ду қисм – таҳқиқоти муҳаққиқони кишварҳои узви ИДМ ва таҳқиқоти муҳаққиқон ва таҳлилгарони хориҷи дур ҷудо намуд.

Бояд тазаккур дод, ки дар инъикоси таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол муҳаққиқони ИДМ, аз ҷумла муаррихони Россия, саҳми бориз доранд. Масалан, дар таҳқиқоти В. И. Бушков ва Д.В. Микулский, А. Гушер, М. Хрусталев, Н. В. Солоник, Р.Бобохонов, В.В.Дронов ва В.Носов таърихи сиёсии солҳои аввали Тоҷикистони соҳибистиқлол, заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, рафти ҷанг ва оқибатҳои мудҳиши он, инчунин зуҳур ва ташаккулёбии низоми сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол инъикос гардидаанд.

Унвонҷӯ дар ин зербоб қайд менамояд, ки воқеоти сиёсии солҳои 90-уми асри XX мавриди пажӯҳиш ва баррасии муҳаққиқон ва таҳлилгарони хориҷи дур низ қарор гирифта, масоили гуногуни таърихи сиёсӣ, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон дар мақолоту таълифоти онҳо ба таври густурда инъикос гардидааст.

Боби дуюми рисола “**Таҷассуми масоили истиқрори сулҳу ваҳдат ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ**” номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат аст. Дар ин боб марҳилаҳои гуфтушуниди байни тоҷикон ва имзои “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон”, инчунин фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ инъикоси худро ёфтаанд.

Зербоби якуми боби дуюми рисола“**Инъикоси масоили истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ**” ба таҳқиқ ва таҳлили инъикоси масоили давраҳои асосии гуфтушуниди миёни тоҷикон ва истиқрори сулҳу ваҳдат бахшида шудааст.

Воқеан, яке аз масъалаҳои муҳим, ки дар солҳои 90-уми асри XX диққати муаррихон ва умуман аҳли ҷомоаи ҷаҳониро ба худ ҷалб карда

буд, раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон дар солҳои 1994 – 1997 ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи муаллифи рисола ин раванд пеш аз ҳама аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки нахустин таҷрибаест дар таърихи ҷаҳонӣ, ки бо миёнаравии созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва ширкати давлатҳои кафили минтақа бо комёбӣ анҷом пазируфтааст. Унвонҷӯ қайд менамояд, ки раванди ноил гардидан ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумлаи мавзӯоте буд, ки таваҷҷуҳи олимони ҷабҳаҳои гуногуни илмҳои ҷомеашиносӣ ва соири муаллифонро ба худ ҷалб карда буд. Муаллифи рисола дар ин зербоб инъикоси раванди гуфтушуниди тоҷикон, нақши роҳбари давлат дар ин раванд, инъикоси сабақҳои таърихӣ ва аҳаммияти байналмилалии сулҳи тоҷиконро дар адабиёти илмӣ мавриди таҳлили амиқ қарор додааст. Ӯ ба хулосае омадааст, ки раванди ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир намунаи беназири баҳамоии ҷонибҳои даргир маҳсуб меёбад, ки назирашро таҷрибаи ҷаҳонӣ ёд надорад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **“Фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва тадқиқи он дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ»** дараҷаи инъикоси фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ гардидааст. Зимни баррасии масоили мазкур унвонҷӯ қайд менамояд, ки раванди танзими низои сиёсии байни тоҷикон ва оштии миллии ҷонибҳои даргирро бе фаъолияти комиссияҳои фаврии оштии миллӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Ба ақидаи ӯ масоили марбут ба фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, пеш аз ҳама, дар асари бунёдии «История таджикского народа» ва асарҳои дастаҷамъии «Бунёди давлатдории навин», «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол» хеле дақиқназарона таҳқиқу баррасӣ гардидаанд.

Унвонҷӯ зикр менамояд, ки новобаста ба таваҷҷуҳи зиёди муҳаққиқон ба мавзӯи мазкур, дар инъикоси фаъолияти КОМ масоили ҷиддии ҳалталаб мавҷуданд. Яке аз чунин масоил, ба ақидаи ӯ, то кунун ба

гардиши илмӣ ворид нагардидани ҳуҷҷатҳои зиёд аз бойгонии КОМ маҳсуб меёбад, ки ҳақ ба ҷониби уст.

Дар зербоби сеюми боби дуюм - **“Истиқлолияти давлатӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон дар осори Пешвои миллат»** масоили инъикоси равандҳои сиёсии солҳои 90-уми асри ХХ, таъсисёбии ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон дар асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд. Зимни баррасии масоили мазкур муҳаққиқ қайд менамояд, ки бозтоби илмии лаҳзаҳои ҳассосу тақдирсози таърихи тоҷикон дар асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҷассуми равшан дорад. Арзиши таърихии асарҳои Пешвои миллат, пеш аз ҳама, аз он нуқтаи назар муҳим аст, ки он паҳлуҳои мухталифи худшиносии миллӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва эҳёи хотираи таърихии тоҷиконро дар оинаи таърих инъикос намудааст. Нуқтаи дигаре, ки арзиши илмии онҳоро меафзояд, инъикоси воқеии ҳодисоти сиёсии солҳои 90-уми асри ХХ, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, раванди сулҳи тоҷикон ва наҷоти ватану миллат аз парокандагӣ мебошад.

Дар хулоса натиҷаҳои умумии омӯзиш ҷамъбаст карда шуда, муаллиф барои боз ҳам амиқтар омӯхтани ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ва раванди дастёб гардидан ба истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ тавсияҳои судманд пешниҳод намудааст.

Ҳамин тавр, рисолаи Асомиддини Абдулмумин як таҳқиқоти муваффақ, ба анҷомрасида ва дар сатҳи зарурӣ таълифшуда ба шумор рафта, муаллифи он ба тамоми мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошта ноил гардидааст. Рисола аз оғоз то поён ба равиши таҳқиқиву қиёсӣ, хулосабарории мантиқии илмӣ ва навгӯӣ бунёд гардидааст. Автореферат ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқ буда, дар он аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, заминаи

методологии таҳқиқот, заминаи назариявии тадқиқот, объект ва мавзӯи таҳқиқот, навовариҳои илмӣ, муқаррароти асосии диссертатсия, аҳамияти амалии омӯзиш, санҷиши натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати нашрияҳои илмии муаллиф инъикос гардидаанд.

Дар баробари дастовардҳо дар рисолаи мазкур камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд:

1. Гарчанде, ки боби якум - "Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ" ва боби дуюми диссертатсия "Таҷассуми масоили истиқрори сулҳу ваҳдат ва фаъолияти комиссияи оштии миллӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ"номгузорӣ шуда бошад ҳам, муаллиф адабиёти хориҷиро хеле кам мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор додааст.
2. Сарчашма ва адабиётҳои истифодашуда васеъ таҳлил ва инъикос нашудаанд.
3. Доир ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ мақолаҳои зиёд аз ҷониби рузноманигорони Федератсияи Россия интишор шуда буд. Аммо унвонҷӯ дар таҳқиқоти худ маводҳои рӯзномаҳои давриеро, ки бевосита ба он воқеаҳо бахшида шуда буданд, кам истифода намудаст.
4. Дар рисола, баъзан такрори матлаб, инчунин баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикргардида аҳаммияти илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд. Диссертатсияи унвонҷӯ Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи **«Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267) ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори гирифтани дараҷаи

илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси дархостшаванда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав"санаи 24 майи соли 2024 муҳокима гардид.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 16 нафар.
Натиҷаи овоздиҳӣ:
«ҷонибдор»– 16 нафар;
«муқобил» – нест; «бетараф» – нест.
Суратҷаласаи № 10 аз 24 майи соли 2024.

**Раисикунанда, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, н.и.т.** **Мирзоев Ғ.Ш.**

**Ташхисгар, н.и.т.** **Қурбонов М.М.**

**Котиби ҷаласа,** **Самадов Ф.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**сардори Шуъбаи кадрҳои МДТ "ДДБ ба номи Носири Хусрав"** **Шукурзод Ҷ.А.**
27.05.2024

**Маълумот барои тамос:**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" Суроға:** 735140,
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш. Бохтар, кӯчаи С.Айнӣ 67,**
**Тел.:** тел. (83222) 2-54-81, (83222) 2-22-53.
Почтаи электронӣ: bgu-1978@mail.ru